

МЛ 7032
А37

**Нависанда несту менависад,**
**Хонанда несту мехонад.**

**Аз ҷо ба ҷое**
**Мебарад моро,**
**Лекин аз ҷояш**
**Наҷунбад асло?**

**Кушой як ном,**
**Пӯши - дигар ном.**

**Ягон чиз надорад, аммо ҳар**
**чизро даҳ карат зиёд мекунад.**

**Ду ишкам дораду хеҷ чиз намехӯрад.**







8

0



С
Х

А
А
Д
С

Сиву чаҳор бародар
Ҳарчӣ хоҳанд месозанд.

Аз рахна мебарояд,
Думаш намебарояд.

Аз чап кушоӣ,
Аз рост пӯшӣ.
Дигар набошад
Сад бор кӯшӣ

Аз ҳама боло,
Аз ҳама дур ӯ.
Манбаи гармӣ,
Манбаи нур ӯ.

Дар осмон - якто,
Дар замин - дувоздаҳто.


АЛИФБО









Худашон дар замин,
Овозашон дар фазо.

Шаш по дораду аз ҷо намеҷунбад.

Гӯянда гуфт,
Шунаванда хуфт.

Ба як гӯшаш сухан гуфта,
Зи як гӯшаш сухан бишнав.
Агар ҳарфи ту хуш бошад,
Ту хуш бишнида хуштар шав.

Дар офтобу борон
Чатрашро намемонад.
Пурсӣ агар дусад бор
Ҳиҷ чиро намедонад.

# Ж





Аа
*Бб*

**Вв** Ёё
*Ғғ* Жж

**Ее**



Тамоми шаб гӯш мекунӣ,
хеҷ чиз намегӯяд.

Ҳар лаҳза мегузарад, аммо намебинӣ.

То гӯшашро натобӣ,
Ба хона роҳ наёбӣ.

Хомаш бошад, мехӯрам,
Пазад – хӯроки харам.

Ду бинанда,
Ду бинонанда.











# ОФТОБПАРАСТ

## Афсона

– Офтобпараст, офтобпараст, ту тарафҳоро медонӣ?

– Албатта, медонам!

– Бигӯ, ки шарқ кадом тараф аст, ғарбу ҷануб кадом тарафанд ва шимол кадом тараф аст?

– Ман пагоҳ ба тарафи шарқ, нисфирӯз ба ҷануб, бегоҳ ба ғарб нигоҳ мекунам!

– Пас бигӯ, ки шимол кадом тараф аст?

– Ту як рӯз маро тамошо карда, тарафи шимолро худат муайян бикун!




Азизи Азиз


# ЧИСТОНҲО
# 1


Муҳаррир Юсуфҷон Аҳмадзода
Муҳаррири техникӣ Гадойбоев Абдуаҳад
Тарроҳ ва ороишгар Диловар Ҷабборов
Ҳуруфчин Зарина Муродова

Ба чопаш 14.02.2013 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/32.
Коғази бурандуд. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопӣ 0,25. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши №15/2013. АБ

Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел: 98-103-16-75. E-mail: najmiddin64@mail.ru
Сайти муассиса: http://www.adabiet.tj

Адабиёти бачагона

9 789994 791606